# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» барои дарёфти илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт.**

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони васеи омӯзиши масоили мухталифи илм, бахусус иқтисодиёт беш аз пеш муҳиму зарурӣ арзёбӣ мешавад. Омӯзиши масъалаҳои мухими иқтисодиёти миллӣ, махсусан рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд, имкон фароҳам меорад, ки даромади иқтисодии кишвар афзуда, бо ин васила вазъи иқтисодиву иҷтимоии сокинони мамлакат беҳ гардад.

Аз ин дидгоҳ таҳлилу баррасии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд) дорои аҳамияти зиёди илмиву амалист. Диссертатсияи номзадии Сабуров Ихтиёр Муҳидинович маҳз ба таҳқиқи рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд бахшида шуда, «Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводи маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)» унвон гирифта, ба ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мувофиқ аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, аз 175 саҳифаи матни чопӣ, 15 ҷадвал, 6 расм таркиб ёфта, бо таҳлилу баррасии 150 номгӯйи адабиёт таълиф шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он инъикос ёфтааст, мақсаду вазифаҳои татқиқот, объект ва мавзуи он, фарзияи тадқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия, аҳамияти назариявию амалии он муайян гардида оварда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки "Асосҳои назариявӣ ва методологии амсиласозии маҷмааи сайёҳӣ" унвон гирифтааст, моҳияти мафҳум ва махсусияти сайёҳӣ муайян ва асоснок гардида, марҳилаҳои рушди сайёҳӣ ва махсусиятҳои он мавриди таҳқиқ ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст. Бо тақозои вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили амсилаҳои асосии рушди маҷмааи сайёҳӣ, таснифи амсилаҳои фаъолияти сайёҳӣ, гузаронида ва арзёбӣ шудааст.

"Амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди маҷмааи сайёҳӣ" чунин унвон дорад боби дуюми диссертатсия, ки объекти омӯзиши он меъёрҳои иқтисодии оптималигардонии рушди маҷмааи сайёҳӣ барои амсиласозии математикӣ қарор гирифтааст. Дар боби мавриди таҳлил тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ коркард шуда, амсилаи зина ба зинаи ташаккул ва рушди маҷмааи сайёҳии таҳия гардида, пешкаш шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки “Амсиласозии рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд” номида шудааст, нишондиҳандаҳои рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд барои таҳқиқ ҷамъ оварда шудааст. Истифодаи амсилаи математикии иқтисодии пешниҳодшуда ва алгоритми татбиқи он дар оптимиалӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд ва самтҳои инкишофи танзими давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ пешкаш шудааст.

Дар қисми хулосаи диссертатсия дар асоси таҳқиқоти доираи рисолаи диссертатсионӣ ба такмили моделсозии рушди соҳаи сайёҳӣ ва амалияи он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ гузаронидашуда, хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ дар 10 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ дар 10 банд манзур гардидааст.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи И.Сабуров кори илмии бaанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи диссертант иҷро шудаанд.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур дар баробари муваффақиятҳо баъзе аз лағзишу норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрирҳои ояндаи кор судманд хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, агар диссертант рушди сайёҳии вилояти Суғдро ҷо-ҷо бо вазъи рушду густариши сайёҳӣ дар дигар манотиқи кишвар, масалан вилояти Хатлон ва ё Бадахшон муқоиса менамуд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои услубӣ (с. 4), имлоӣ (с. 6, 7), китобат (с. 3), техникӣ (с. 2) ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович аз рӯйи мубрамият ва сатҳу савияи таҳияи худ ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи “Назарияи иқтисодӣ” – и
ДДБ ба номи Носири Хусрав Наимов Б.Қ.

«Имзои Наимов Б.Қ -ро тасдиқ менамоям».
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.